Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-003-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак,
шаҳраки донишҷӯён, биноi таълимии 7)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Раҳимов Саидалӣ Холович ба диссертатсияи Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин дар мавзуи “Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит)**

## Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм

Диссертатсия ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси илмии 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) иҷро карда шудааст: 1.2. Методологияи ташаккули нишондиҳандаҳои баҳисобгирӣ, ки дар сатҳи микро- ва макроиқтисод маҷмуи иҷтимоию иқтисодиро тавсиф мекунанд, 1.3. Асосҳои методологӣ ва вазифагузориҳои мақсадноки баҳисобгирии муҳосибӣ, 1.13 Ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) аз рӯйи сегментҳо, бизнес-ҷараёнҳо ва сохторҳои таркибӣ, 1.14 Методологияи истифодаи технологияҳои замонавии иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар соҳаи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисобот.

## Мубрамияти мавзуи диссертатсия

Дар иқтисодиёти муосир равандҳои ҷамъоварӣ, натиҷагирӣ ва таҳлили иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ ба иқтисодиёти рақамӣ мутобиқ карда мешаванд. Дар шароити рақамикунонӣ масъалаи идоракунии самараноки корхонаҳо ба ҷорӣ намудани низоми баҳисобгирии идоракунӣ вобастагӣ дорад. Зарурати қабули саривақтии қарорҳои идоракунӣ аз роҳбарони субъектҳои хоҷагидор талаб мекунад, ки низоми автоматикунонидашударо ба роҳ монанд, ки он дар шароити татбиқи буҷетикунонӣ имконият медиҳад бисёр масъалаҳои мубрами фаъолияти ҷорӣ ҳал карда шаванд.

Дар иқтисодиёти муосир баҳисобгирии идоракунӣ фаъолияти бочизоми идоракунии корхона ва яке аз муҳимтарин зернизомҳои таъминоти иттилоотии менеҷмент ва муассисони корхона буда, дар заминаи

рақамикунонии умумии иқтисодиёт дигаргуниҳои муҳимро аз сар мегузаронад.

Дар чунин шароит, аз як тараф, ба низом даровардани ҷиҳатҳои алоҳидаи чунин дигаргуниҳо, муайян кардани муаммоҳои асосӣ ва аз тарафи дигар, бо назардошти имкониятхои иттилоотӣ, техникӣ ва технологӣ, омилҳои ташкилию идоракунӣ, ташаккули ҷанбаҳои методологӣ ва самтҳои ояндадори он муҳим аст. Дар робита ба гуфтаҳои боло, қайд намудан ба маврид аст, ки дар мубрамияти мавзуи мазкур шубҳа ҷой надорад ва он метавонад, ки дар ташаккули низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ аҳамияти назарраси илмӣ ва амалӣ дошта бошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд** дар асоснок кардани ҷанбаҳои назариявӣ, таҳияи тавсияҳои методӣ ва амалӣ оид ба рушди низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ бо истифода аз воситаҳои муосири рақамикунонӣ ифода меёбад. Ҳамчун натиҷаҳои муҳими дорои навгонии илмӣ дар диссертатсия чунин нуктаҳо ҷудо карда мешаванд:

1. Ҷанбаҳои назариявии ташаккули баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун унсури асосии таъминоти иттилоотии низоми идоракунии корхонаҳо таҳқиқ шудааст. Ақидаҳои гуногун оид ба мафҳум ва моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ омӯхта шуда, нуктаи назари муаллиф ҷудо карда шудааст. Заминаҳои таърихӣ ва иқтисодии ташаккули баҳисобгирии идоракунӣ таҳқиқ карда шуда, муносибати он бо баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии истеҳсолӣ муайян ва арзёбӣ карда шудааст.

2. Асосҳои ташаккули низоми баҳисобгирии идоракунии рақамӣ таҳқиқ гардида, хусусиятҳои асосии марҳилаҳои истифодаи воситаҳои рақамӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ муайян карда шудаанд. Дигаршавии аломатҳои баҳисобгирии идоракунӣ бо таъсири рақамикунонӣ таҳқиқ шуда, шароити ташаккули низоми нави баҳисобгирии идоракунӣ муайян карда шудааст. Заминаҳои табдили равишҳои методии ташаккули иттилооти баҳисобгирии идоракунӣ дар муҳити иқтисодиёти рақамӣ таҳлил карда шудаанд. Амсилаи баҳисобгирии идоракунии ба эътимод асосёфта таҳия карда шудааст.

3. Вазъи муосири ташкил ва пешбурди пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуда, имконияти истифодаи воситаҳои муосири коркарди автоматикунонидашудаи иттилоот дар асоси барномаҳои маъмули компютерии муҳосибӣ арзёбӣ карда шудааст. Вазъи пойгоҳи иттилоотии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ таҳқиқ карда

шуда, талаботи асосии ҷонибҳои манфиатдор ба пойгоҳи иттилоотии баҳисобгирии идоракунӣ муайян карда шудааст.

4. Дар асоси таҳлил ва арзёбии имконияти корбурди воситаҳои муосири рақамикунонӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунии корхонаҳои тиҷоратӣ исбот карда шудааст, ки баҳисобгирии идоракунӣ ботадриҷ ҳамчун пойгоҳи иттилоотӣ барои қабули қарорҳои идоракунии босамар дар асоси методологияи баҳисобгирӣ, банақшагирӣ, буҷетикунонӣ, назорат, таҳлили идоракунӣ ва ояндабинӣ ташаккул ёфтааст. Амсилаи таркиби воситаҳои рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ барои татбиқи низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ дар асоси бастаи нармафзори 1С: ERP ва амсилаи пешбурди якҷояи намудҳои баҳисобгирӣ бо истифодаи ин бастаи нармафзор таҳия карда шудааст.

5. Самтҳои асосии рушди воситаҳои методии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ муайян карда шуда, тартиби истифодаи якҷояи воситаҳои муосири методии баҳисобгирии идоракунӣ ва бастаи нармафзори муҳосибии 1С: ERP (1С: Бухгалтерия 8.3) таҳия карда шудааст, ки барои таҳкими раванди идоракунии фаъолияти истеҳсолию молиявӣ ва рушди амалии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ имкон медиҳад.

6. Тартиби ташкили низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ бо дарназардошти иҷрои вазифаҳои баҳисобгирии идоракунии стратегӣ барои корхонаҳои тиҷоратӣ таҳия карда шудааст. Методикаҳои пешбурди баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар шароити рақамикунонӣ барои корхонаҳои тиҷоратӣ пешниҳод карда шудаанд. Ҳамчунин амсилаи низоми ҳамгирои баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии молиявӣ дар шароити рақамикунонӣ таҳия карда шудааст.

Сохтори кори диссертатсионӣ, гузориши мақсаду вазифа, натиҷагирӣ ва мантиқии алоқамандии онҳо, тасдиқ мекунанд, ки муаллиф масъалаҳои гузошташударо амиқ дарк намуда, ҷанбаҳои таҳлили васеи муаммоҳои рушд ва такомули низоми баҳисобгирии идоракуниро талил намудасст, ки асосҳои назаривию методологиро дар ин самт метавонад такмил диҳад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, баррасии натиҷаҳо, хулосаву пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии кор 190 саҳифаи матни компютериро ташкил медиҳад ва дорои 22 расм, 10 ҷадвал мебошад.

Муқаддимаи кор ба мубрамият, дараҷаи таҳқиқи илмии мавзуи таҳқиқотӣ бахшида шуда, мақсад, вазифаҳо, объект, предмети таҳқиқот муайян карда шудаанд.

**Дар боби аввал – «Асосҳои назариявию методии рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ»** моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ ва заминаҳои ташаккули он, асосҳои ташаккули низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, табдили равишҳои методии ташаккули иттилооти баҳисобгирии идоракунӣ дар муҳити иқтисодиёти рақамӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Зимни омӯзиш ва таҳлили асосҳои назариявии ташаккули низоми баҳисобгирии идоракунӣ, унвонҷӯ мавқеи баҳисобгирии идоракуниро дар идоракунии самараноки субъектҳои хоҷагидор муҳим арзёбӣ намуда, ақидаҳои олимони хориҷӣ ва ватаниро доир ба ин масъала баррасӣ намудааст. Дар ин замина, дар ҷадвали 1.1 ақидаҳои муҳаққиқон оид ба мафҳум ва моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ қайд карда шуда, дар охир ақидаи муаллифи диссертатсия оварда шудааст (саҳ. 18).

Дар доираи таҳқиқоти мазкур хусусиятҳои ҳамоҳангии баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии молиявӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, муфассал намудани ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом» бо мақсади баҳисобгирии идоракунӣ, барои ҳадафҳои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслӣ аз тарафи муаллиф пешниҳод карда шудааст (саҳ. 22). Инчунин, дар расми 1.1 муаллиф робитаи байни баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии истеҳсолӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ пешниҳод намуда, таъкид менамояд, ки ки иттилооти дар доираи баҳисобгирии истеҳсолӣ ташаккулёфта оид ба арзиши аслӣ ҳам барои баҳисобгирии молиявӣ ва ҳам барои баҳисобгирии идоракунӣ муҳим аст (саҳ. 32).

Дар диссертатсия ба таърихи истифодабарии техникаи компютерӣ барои коркарди маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла баҳисобгирии идоракунӣ таваҷҷуҳи хоса дода шуда, истифодабарии технологияҳои муосири рақамӣ дар шароити кунунии рушди илму техника ва дастрасии фаврии иттилоот ва дар ин замина қабули қарорҳои самарабахши идоракунӣ таъкид карда шудааст (саҳ. 37). Унвонҷӯ дар ҷадвали 1.3 аломатҳои асосии тавсифдиҳандаи баҳисобгирии идоракунӣ бо таъсири рақамикунониро пешниҳод намудааст, ки ба ақидаи ӯ дар низоми нави баҳисобгирии идоракунии субъектҳои иқтисодӣ ташаккул бояд ташаккул ёбад (саҳ. 40).

Муаллиф дар диссертатсия қайд менамояд, ки дар натиҷаи таҳлили муқарраротӣ назариявӣ ва ҷанбаҳои методии дар адабиёти хориҷӣ пешкашшуда ва амалияи пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои хориҷӣ ва ватанӣ, аҳаммияти амалии рақамикунонӣ, интишороти илмии ватанӣ дар ин самти таҳқиқот хеле кам буда, корхонаҳои ватанӣ ба чунин таҳқиқот ниёз доранд (саҳ. 56).

Яке аз масъалаҳое, ки дар диссертатсия мавриди таҳлил қарор гирифтааст, дар шароити баҳисобгирии идоракунии рақамӣ истифодабарии мафҳумҳои «маълумот» ва «иттилоот» мебошад ва ба андешаи муаллиф, ин мафҳумҳо аз якдигар фарқият доранд. Чи тавре муаллиф тасдиқ менамояд, маълумот ин иттилоот набуда, унсурҳои муайянкунандаи иттилоот мебошанд ва танҳо бо имконияти истифода ҳангоми ҳалли ин ё он масъалаи идоракунӣ маълумот ба иттилоот табдил меёбад (саҳ.62).

Яке аз пешниҳодҳои арзишманди таҳқиқоти диссертатсионӣ ин пешниҳоди эътимоднокии итилоот аз манбаҳои гуногун ва ҳифзи ин иттилоот мебошад, ки муаллиф дар расми 1.5. амсилаи баҳисобгирии идоракунии ба эътимод пешниҳод намудааст, ки намудҳои гуногуни эътимодро дар алоқамандӣ ба баҳисобгирии идоракунӣ муносибатҳои иқтисодии байни корхонаҳо дар муҳити иқтисодиёти рақамии ба эътимод асосёфтаро нишон медиҳад (саҳ. 67).

**Дар боби дуюм – «Таҳқиқи амалияи баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ»** вазъи ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ, вазъи пойгоҳи иттилоотии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ, имконияти корбурди воситаҳои муосири рақамикунонӣ дар баҳисобгирии идоракунӣ таҳлил карда шудааст.

Боби мазкур ҳамчун таҳилҳои муаллифӣ арзишманд буда, доир ба масъалаи таҳлилшаванда муаллиф қайд мекунад, ки рақамикунонӣ дар ҳама соҳаҳои фаъолияти ҷомеаи муосир ворид гардида, аз он ҷумла иқтисодиёт ва низоми баҳисобгирии муҳосибӣ низ аз воситаҳои техникии иртиботӣ самаранок истифода мебаранд.

Муаллиф амалияи пешбурди баҳисобгирии идоракунии ватаниро таҳлил намуда, ақидаи таҳқиқотчиёни ватаниро оид ба масъалаи мазкур баррасӣ намудааст ва қайд менамояд, ки ҳадафи асосии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ба истифодабарандагони манфиатдор – кормандони тамоми зинаҳои идоракунии субъекти иқтисодӣ пешниҳод кардани иттилооти муфид барои қабули қарорҳои идоракунии самарабахш мебошад ва дар ин маврид рақамикунонӣ дар корхонаҳо раванди гирифтани иттилооти мазкурро суръатнок ва содатар мекунад (саҳ. 75). Раванди пешбурди вазифаҳои баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои таҳқиқшуда тасдиқ мекунад, ки аксари онҳо бояд пешакӣ амсилаи нави тиҷоратии худро таҳия кунанд ва дар расми 2.1. марҳилаҳои татбиқи рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ бо иҷрои амалиёти муайян дар марҳилаҳои алоҳидаи пай дар пай иҷрошаванда пешниҳод карда шудааст (саҳ. 78).

Пешниҳодҳои овардашуда имкон медиҳад, ки самаранокии идоракунӣ ва фаъолияти минбаъдаи корхонаҳо боз ҳам беҳтар карда шавад.

Дар диссертатсия барномаҳои компютерии муҳосибӣ ва имконияти истифодабарии онҳо барои баҳисобгирии идоракунӣ пешниҳод карда шудааст ва муаллиф таъкид менамояд, ки дар мамлакат, дар самти татбиқи технологияҳои рақамӣ бештар ташкилотҳои бонкӣ, ки барномаҳои компютерии махсусро истифода мебаранд ва дар корхонаҳои саноатӣ бештар ба назар мерасанд. Дар корхонаҳои ватанӣ бо мақсади баҳисобгирӣ ва ҳисоботи идоракунӣ бештар барномаи Excel истифода бурда мешавад, ки муаллиф дар расми 2.3 Амсилаи омодасозии ҳисоботи идоракунӣ бо истифодаи ҷадвали электронии Excel-ро пешниҳод намудааст ва аз 7 марҳала иборат аст (саҳ. 82). Истифодабарии барномаи Excel барои таҳияи ҳисоботи идоракунӣ ва марҳалаҳои аз тарафи муаллиф пешниҳодшуда барои қабули қарорҳои фаврӣ ва стратегии корхона мусоидат менамоянд.

Яке аз натиҷаҳои арзишманди диссертатсия, дар он зоҳир мегарднд, ки дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун воситаи қабули қарорҳои идоракунӣ объектҳои нави баҳисобгирӣ на танҳо дар шакли дороиҳо ва сармояи анъанавӣ, балки дар шакли объектҳое, ки қаблан ба доираи баррасии баҳисобгирии идоракунӣ дохил намешуданд, ба мисли сармояи инсонӣ, мизоҷон ва дигарҳо муайян карда мешаванд. Ҳамаи ин ба доираи фарогирии пойгоҳи иттилоотии баҳисобгирии идоракунӣ тағйирот ворид намуда, тақозо мекунад, ки иттилоот дар бораи объектҳои нави рақамии баҳисобгирии идоракунӣ дар он нуфузи бештар дошта бошад (саҳ. 97).

Арзишмандии натиҷаи дигари диссертатсия, дар он ифода мегардад, ки дар шароити муосир, вобаста ба рушди баҳисобгирии идоракунӣ пайдо шудани намудҳои нави баҳисобгирӣ дар расми 2.4 тасвир гардидааст, ки ба ақидаи муаллиф онҳо дар шароити иқтисоди рақамӣ пойгоҳи иттилоотии баҳисобгирии идоракунӣ маҳсуб меёбанд (саҳ. 100). Инчунин дар расми 2.5 - Талаботи асосии ҷонибҳои манфиатдор ба пойгоҳи иттилоотии баҳисобгирии идоракунӣ ба хотири қонеъгардонии талаботи молиявӣ ва ғайримолиявии ҷонибҳои манфиатдор ҷиҳати қабули қарорҳои идоракунии онҳо дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт пешниҳод карда шудааст (саҳ. 105), ки барои дастрасии иттилоот ба истифодабарандагони дохилӣ ва муассисони мусоидат менамояд.

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки имрӯзҳо рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ масъалаи муҳим барои ҳар як корхона, новобаста аз ҳаҷм ва соҳаи фаъолияти он буда, барои рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ ҳам корхонаҳои соҳибкории хурду миёна ва ҳам корхонаҳои бузург таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, аммо таҳқиқоти гузарондаи муаллиф дар

корхонаҳои тиҷоратӣ нишон медиҳад, ки баҳисобгирии идоракунӣ ташкил карда нашудааст ва воситаҳои мусири рақамкунониро истифода намебаранд (саҳ. 110). Дар расми 2.6 - Саҳми рақамикунонӣ дар ҳалли масъалаҳои идоракунии фаъолияти корхона рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ ба низоми ташкилӣ, равандҳо ва нишондиҳандаҳои тавсифдиҳандаи натиҷанокии фаъолияти субъекти иқтисодӣ таъсири матлуб расонида, дар ҳалли масъалаҳои муҳими идоракунии фаъолияти корхона саҳм мегузорад (саҳ. 112). Вобаста ба ин, муаллиф дар расми 2.7 амсилаи таркиби воситаҳои рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ дар низоми ERP-ро пешниҳод намудааст, ки кори муносиби низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаро таъмин мекунад (саҳ. 116) ва таъкид менамояд, ки дар аксари бастаҳои барномавии муҳосибӣ, ки дар онҳо имконияти ташкил ва пешбурди автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ мавҷуд аст, рақамикунонии пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ метавонад дар асоси амсилаи таҳияшуда ба роҳ монда шавад (саҳ. 118).

**Дар боби сеюм - «Дурнамои рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ»** рушди воситаҳои методии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, низоми баҳисобгирии идоракунии стратегӣ ҳамчун унсури муҳими рақамикунонӣ дар корхонаҳои муосир мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст (саҳ. 127-163).

Ин боб натиҷаҳои илман асоснок гардида ва дастоварди илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ мансуб меёбанд. Зимнан, дар диссертатсия исбот шудааст, ки баҳисобгирии идоракунӣ бояд дар корхона тавре ташкил ва роҳандозӣ карда шавад, ки нишондиҳандаҳои тавсифдиҳандаи самаранокии фаъолияти он ба тамоми кормандони барои ноилгардии онҳо масъул ва истифодабарандагони иттилооти дар ҳисоботи идоракунии дохилӣ овардашуда фаҳмо бошад ва онро ҳама як хел маънидод карда тавонад. Бинобар ин, ба даст овардани маълумот барои ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор, пеш аз ҳама роҳбарони бевоситаи раванди идоракунӣ бояд дар ҳама гуна шакл ва дар доираи ҳама гуна методология имконпазир бошад (саҳ. 127).

Муаллифи диссертатсия тасдиқ менамояд, ки бо истифодабарии барномаи 1С: Бухгалтерия 8.3 таҳия ва тартиб додани ҳисоботи идоракунӣ гирифтани маълумот дар бораи натиҷаҳои молиявии фаъолияти умумии корхона ва ҳам дар бораи натиҷаҳои молиявии воҳидҳои сохтории корхона имконпазир аст ва онро дар расми 3.1 тасвир намудааст (саҳ. 129). Ҳамчунин, дар расми 3.2 ҳисоботи идоракунии «Тавозуни идоракунӣ» дар барномаи 1С: Бухгалтерия 8.3 пешниҳод карда шудааст, ки ки дар он метавон моддаҳои мустақил бо нишон додани манбаи маълумот бунёд карда шаванд (саҳ. 132). Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки нақши асосии воситаҳои методии

баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ дар он ифода меёбад, ки онҳо шакл ва механизми амалкунии низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ ва хосияти ҳамкории зинаҳои гуногуни идоракуниро дар корхона муайян мекунанд. Муаллиф дар ҷадвали 3.1 иттилоот оид ба воситаҳо, афзалиятҳо ва ҳадафҳои идоракунӣ дар зинаҳои гуногуни баҳисобгирии идоракунии корхонаро ҷамъбаст карда, қайд менамояд, ки дар ин маврид, вазъи иқтисодӣ дар намуди низоми нишондиҳандаҳои махсусе ифода меёбад, ки тавассути воситаҳо (қоидаҳо ва тарзҳо)-и методии илми баҳисобгирии муҳосибӣ, менеҷмент ва таҳлили иқтисодӣ (молиявӣ) ташаккул меёбанд (саҳ. 137).

Инчунин, муаллиф дар ҷадвали 3.2 воситаҳои методии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунониро тафсир намудааст, ки ки истифодабарии онҳо барои рушди пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ имконият фароҳам меорад (саҳ. 140-141). Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки низоми нишондиҳандаҳои мутавозин дар шароити рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ натиҷаҳои воқеъбинона ва аломатҳои субъективиро барои рушди корхона муттаҳид карда, дуруст муайян кардани дастаи нишондиҳандаҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили онҳо фаъолияти самараноки кормандон ва корхонаро таъмин мекунад. Корбурди тадбирҳо оид ба истифодаи нишондиҳандаҳои мутавозин бо истифодаи технологияҳои рақамии муосир имкон медиҳад, ки суръат ва сифати қабули қарорҳои идоракунӣ аз ҷониби роҳбарият ва менеҷменти корхона баланд бардошта шавад. Он имкон медиҳад, ки тамоми ҷанбаҳои фаъолияти корхона воқеъбинона арзёбӣ карда шаванд ва пешакӣ муайян карда шавад, ки нишондиҳандаҳои асосии ҳисоботи ояндабинӣ то кадом дараҷа ба вазифаҳои дар ин ё он марҳилаи идоракунӣ муқарраргардида мувофиқат мекунанд (саҳ. 142).

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқоти гузаронидаи муаллиф оид ба таҷрибаи ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф ба хулосае омаддаст, ки роҳбарон ва мутахасссисони корхонаҳо баҳисобгирии идоракуниро бештар ҳамчун низоми баҳисобгирии хароҷот, ҳисобкунии арзиши аслӣ, тақсими хароҷот аз рӯйи марказҳои масъулияти молиявӣ, марказҳои хароҷот, макони хароҷот, намудҳо ва воҳидҳои маҳсулоти истеҳсолшаванда тасаввур мекунанд. Вобаста ба ин, дар диссертатсия ақидаҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ вобаста ба низоми методологии баҳисобгирии идоракуниро ҷамъбаст ва натиҷагирӣ намуда, дар расми муаллифии 3.3. муҳтавои баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунониро тасвир намудааст, ки дар шароити рақамикунонӣ дар баробари таҳлили стратегии равандҳои тиҷоратӣ ва

муҳити фаъолият, дар муҳтавои баҳисобгирии идоракунии стратегӣ чунин унсурҳои асосӣ, ба монанди банақшагирии стратегӣ, буҷетикунонӣ, назорат, арзёбӣ ва ангеза нақши муҳимро мебозанд (саҳ. 149).

Дар ҷадвали муаллифии 3.3 марҳилаҳои татбиқи низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ дар корхона оварда шудааст, ки вобаста ба таҳқиқоти пешазлоиҳавии он бо дарназардошти муайян кардани методологияи пешбурди баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар шароити истифодаи воситаҳои муосири рақамикунониро инъикос менамояд ва дар якчанд марҳилаҳо бояд анҷом дода шавад, ки муҳтавои амалҳои дар доираи ин марҳилаҳо иҷрошаванда таҳлилу тафсир карда шудаанд. Дар он марҳилаи панҷум - муайян кардани методологияи баҳисобгирии идоракунӣ, таҳияи амсилаи идоракунии корхона - марҳилаи калидӣ дар раванди таҳияи низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ мебошад. муаллиф тасдиқ менамояд, ки маҳз дар он сохтори комили амсилаи амалкунии низоми баҳисобгирии идоракунӣ бо дарназардошти иҷрои вазифаҳои стратегии корхона ташаккул меёбад. Дар ин маврид метавонад методикаҳои аллакай мавҷудбудаи пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ интихоб карда шаванд, агар онҳо ба иҷрои ҳадафҳои баҳисобгирии идоракунии стратегӣ мувофиқат кунанд, ё методикаи нави баҳисобгирии идоракунии стратегӣ, ки дар он шароити инфиродии фаъолияти корхона ба инобат гирифта шудааст, таҳия карда шавад (саҳ. 155).

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки ҳоло дар корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон методикаҳои пешбурди баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар шароити рақамикунонӣ вуҷуд надоранд. Вале дар амалияи хориҷӣ якчанд чунин методикаҳо маъмул мебошанд, ки корхонаҳои ватанӣ низ онҳоро метавонанд истифода баранд. Бо корбурди методикаҳои муайян корхонаҳои ватанӣ имкон пайдо мекунанд, ки суръати амалисозии низоми автоматикунонии баҳисобгирии идоракуниро баланд ва равандҳои тиҷоратии корхонаро ба андозаи назаррас беҳтар намоянд. Дар асоси таҳқиқи адабиёти дахлдор аз байни методикаҳои маъмули ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар шароити рақамикунонӣ муаллиф ду методикаи асосӣ – методикаи «амсила-низом» ва «низом-амсила»-ро интихоб карда, тавсиф ва имконияти истифодаи онҳоро дар ҷадвали 3.4 пешниҳод намудааст (саҳ. 156). Истифодабарии ин амсилаҳо барои такмили методикаи пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Инчунин, муаллиф хатоҳои имконпазирро ҳангоми татбиқи низоми автоматонидашудаи баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар ҷадвали 3.5 нишон дода, таъсирр онҳоро ба низом муфассал кушодааст (саҳ. 158). Ба ғайр аз хатоҳои номбаршуда, муаллиф қайд менамояд, ки дар раванди татбиқи

низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ метванонад хатогиҳои дигар, ба монанди коркарди нокифояи гардиши ҳуҷҷатҳо, коркарди нокифояи ҳадафҳои стратегӣ, нодуруст интихоб кардани объектҳои ташаккули арзиши аслии маҳсулот ва пайваста набудани низомҳои автоматикунодашудаи баҳисобгирии идоракунӣ бо баҳисобгирии молиявӣ, андозва ғайра қайд карда шудааст. Бинобар ин, таъкид карда шудааст, ки яке аз ҷиҳатҳои муҳими ташкили низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ дар корхона ин ташкили ҳамкории байни намудҳои баҳисобгирии корхона, пеш аз ҳама робитаи баҳисобгирии идоракунӣ бо баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз мебошад (саҳ. 160). Ба низоми муайян даровардани алоқаи байниҳамдигарии намудҳои баҳисобгирӣ бо истифодабарии низомҳои автоматикунондашудаи муосир барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда мусоидат менамояд.

Дар охир, муаллиф дар расми 3.6 низоми ҳамгирои баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии молиявӣ бо истифодаи бастаи нармафзори 1С: Предприятие 8 (1С: Бухгалтерия 8.3)-ро пешниҳод намудааст, ки барои иҷрои вазифаҳои баҳисобгирии идоракунии стратегӣ имконият фароҳам меоранд (саҳ. 161).

Яке аз натиҷаҳои муҳими илмӣ ва арзишмандии диссертатсия пешниҳоди муаллифӣ оид ба истифодабарии дастаи нармафзори 1С: Предприятие 8. Управление производственным предприятием (идоракунии корхонаи истеҳсолӣ) мебошад, ки имкон медиҳад, то тамоми воҳидҳои сохторӣ ва қитъаҳои баҳисобгирии корхонаи истеҳсолӣ мувофиқи стандартҳои миллӣ ва байналмилалӣ ба муҳити рақамикунонӣ фаро гирифта шуда, низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии муҳосибии ҳамгиро амалӣ карда шавад.(саҳ.162).

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин тавсияҳое, ки аҳамияти назариявӣ-амалӣ доранд, дар хулоса ва пешниҳодҳо оварда шудаанд. (саҳ. 163-170).

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Ақидаҳои асосии назариявӣ-методӣ, асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ – методии рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оиди мукамалгардони низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳмгузор мебошанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо назардошти таҳлилу арзёбиҳои гузаронидашуда, кофӣ будани ҳаҷми кори диссертатсионӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва таълифоти муаллиф эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тасдиқ мегардад. Дар амалия хулоса ва тавсеаҳо барои

татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва дар асоси таҳлили илмӣ ҷанбаҳои назариявию таҷрибавӣ бароварда шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳад. Дар хулоса натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ буда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар асоси таҳлили натиҷаҳои илмӣ-амалии таҳқиқот омода шудаанд.

Натиҷаҳои муҳими таҳқиқот аз дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии «Иқтисодиёт ва менеҷменти муосир: назария, методология, амалия» (Пенза, 2024), «Иқтисодиёт дар назария ва амалия: масъалаҳои мубрам ва ҷанбаҳои муосир» (Пенза, 2024) ва дигарҳо баҳои мусбат гирифтаанд. Баъзе натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълимии зинаи бакалавриат дар ихтисоси «Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит» истифода мешаванд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

**Аҳамияти илмии** диссертатсия дар асосноккунии назариявӣ ва методии такмили низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ дар асоси консепсияи ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибии ватанӣ ва мутобиқ намудани он ба ба СБҲМ зоҳир мешавад. Самтҳои асосии рушди воситаҳои методии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ муайян карда шудаанд, ки барои таҳкими раванди идоракунии фаъолияти истеҳсолию молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ дар корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳод ва тавсияҳои мушаххаси муаллифии дар диссертатсия овардашуда, оид ба рушди низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ бо истифода аз воситаҳои муосири рақамикунонӣ, истифодаи якҷояи воситаҳои муосири методии баҳисобгирии идоракунӣ ва бастаи нармафзори муҳосибии 1С: ERP (1С: Бухгалтерия 8.3) барои таҳияи идоракунии стратегии корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳамияти иқтисодӣ натиҷаҳои диссертатсия** дар рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва такомули он мусоидат менамоянд. Ба роҳ мондани низоми муосири баҳисобгирии идоракунӣ, ба раванди омодасозии ҳисоботи идоракунӣ, инъикос кардани ҳамаи амалиёти хоҷагидорӣ ва пешбурди намудҳои дигари баҳисобгирӣ мусоидат менамояд, ки идоракунии самараноки корхонаро дар дар асоси пойгоҳи ягонаи иттилоотӣ таъмин менамояд.

**Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия**. Муқарароотҳои диссертатсия барои васеъ намудаи аҳамияти иҷтимоии ташкил ва пешбурди

низоми баҳисобгирии идоракунӣ мусоидат мекунад. Яъне, ба корхонаҳои ватанӣ имконият фароҳам мегардад, ки барои муайян кардани пешомадҳо ва маҳдудиятҳо барои тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи баҳисобгирии идоракунӣ дар зери таъсири табдили рақамии иқтисодиёт ва равандҳои эволютсионӣ дар рушди баҳисобгирии идоракунӣ чораҳои амалӣ андешанд. Ҳамчунин, имконият фароҳам оварда мешавад, ки барномаҳои муосири коркард ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ таҳия ва амалӣ карда шаванд ва ташкили кори баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхона, баланд бардоштани самаранокии меҳнати кормандони муҳосибот таъсири мусбат мерасонад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Мақолаҳои нашршудаи муаллиф таркиби асосии рисолаи диссертатсияро фаро гирифта, Доир ба мавзуи таҳқиқот 8 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 4,6 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 4,2 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ба нашр расонида шудааст. Инчунин, мухтавои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ баррасӣ гардидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Диссертатсияи тақризшаванда мутобиқ ба муқаррароти бандҳои дахлдори «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани унвонҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, № 267) омода гардида, муқаддима ва бахшҳои он - мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмет, фарзия, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаи маълумот ва пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимодноқии натиҷаҳои он, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври муқаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифтаанд ва асосҳои илмию амалии онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд. Ғайр аз ин, меъёрҳои дигари диссертатсия нисбат ба ҳаҷм, истифодаи ҷадвал ва расмҳо, тартиби нигориши феҳристи адабиёт низ ҳангоми навиштани диссертатсия риоя гардидаанд.

Диссертатсия ба талаботҳои «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани унвонҳои илмӣ» аз 30 июни соли 2021, № 267, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд ва метавонанд дар рушди

низоми баҳисобгирии иборакунӣ дар шароити рақамикунонии корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ истифода бурда шаванд.

**Камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Дар қатори бартариятҳо таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои норасоиҳо низ мебошад, ки ба онҳо дохил мешаванд:

1. Дар саҳ. 32 муаллиф дар асоси омӯзиши асарҳои мухталифи олимони ватанию хориҷӣ, тафсири муаллифии худро дар расми 1.1. пешниҳод намудааст, аммо мавқеи баҳисобгирии идоракуниро дар ин низом пурра накушодааст.
2. Дар бобои якуми диссертатсия моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ ва заминаҳои ташаккули он таҳқиқ карда шудааст. Аввалан ақидаҳои олимон ва муҳаққиқон оиди баҳисобгирии идоракунӣ оварда шуда, баъдан таърихи ташаккули он мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Агар ин таҳлил баръакс мебуд моҳиятан мазмуни зербоб беҳтар мегардид.
3. Дар зербоби 1.2. диссертатсия дар баъзе мавридҳо мафҳуми соҳаи фаъолияти баҳисобгирии идоракунӣ истифода бурда шудааст, ки тасдиқоти иловагиро талаб мекунад (саҳ. 50, 51).
4. Дар расми 2.4 намудҳои нави баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити рақамикунонӣ, ки ба ақидаи муаллиф ба монанди баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун унсурҳои асосии баҳисобгирии муҳосибии ҳамгиро мебошанд, мавқеи онҳо дар ҳамгироӣ пурра кушода нашудааст (саҳ. 100).
5. Дар ҷадвали 3.5 хатоҳои имконпазир ҳангоми татбиқи низоми автоматонидашудаи баҳисобгирии идоракунии стратегӣ оварда шуда, таъсири ин хатоҳо ба низом тафсир карда шудаанд, аммо роҳҳои пешгирии ин хатоҳо, ки метавон онҳоро пурратар кард (саҳ. 158).

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои номбаршуда ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва сатҳи назариявию амалии онро коҳиш намедиҳанд.

**Хулоса**

Хулоса, диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ-амалӣ навишта шуда, кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта мебошад.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин дар мавзуи “Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 “Тартиби додани унвонҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва

муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ
ва аудити Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон,
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Раҳимов С.Х.**

**Имзои Раҳимов С.Х.-ро тасдиқ менамоям:**

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
**Донишгоҳи байналмилалии**
**сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** **Ҷураев Ш.Н.**

2 январи соли 2025

(734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5, бинои № 2, утоқи 37, E-mail:saidali-tfi@mail.ru., Тел: (+992) 935041740)